Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Таҳаввулотҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳон иқтисодиёти ин ё он давлатро ба масирҳои гуногун пайваст намуда, онҳоро ба мушкилотҳои гуногун мувоҷеҳ менамояд. Аз ин лиҳоз пайвастагии байнисоҳавӣ ё худ ҳамгироии байнисоҳавӣ омили асосии рушди ҳар як соҳаи мустақил мебошад. Дар айни замон зарурияти ташкили як низоми мутамарказ дар самти ҳамкории байни бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бо самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ вазифаи тамоми сохторҳои муҳими молиявию ғайримолиявӣ мебошад. Аз ин лиҳоз вобаста ба заруриятҳои мавҷуда мавзуи интихобгардида ва таҳқиқотҳои анҷомёфтаи муаллиф дар афтореферати Ҷулиев Музафар Ҳалимович муҳим ва зарурӣ мебошанд.

Албатта, интихоби мавзу ва тамоми таҳқиқотҳои дар доираи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон анҷомдодашуда моҳияти аслии кори илмиро инъикос менамоянд. Аз автореферат бармеояд, ки масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида моҳияти аслии таҳқиқотро пурра ифода намуда ҳамчун кор комилан баитмомрасида мебошанд.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон яке аз таҳаввулоти бузурги давраи Истиқлолияти давлатӣ ин низоми босамари бонкӣ буда, ҳамчун масъалаи меҳварӣ дар ташкили муносибатҳои пулию қарзӣ мебошад. Дар партави Истиқлоли давлатӣ ба таври мустақил тамоми сохторҳои муҳими ҷамъиятиву иқтисодӣ ташаккул ёфтанд, ки дар радифи инҳо сиёсати дурусти пулию қарзӣ, таъсиси низоми мукаммали бонкӣ, фароҳам сохтани шароит барои рушди иқтисодиёт тавассути бахши соҳибкорӣ, қабули қонунҳои соҳавӣ ва монанди инҳо дастовардҳои давлат баъд аз соли 1991 мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи таҳқиқот махсусан дар автореферат дастовардҳои назаррасро зиёд мушоҳида намудан мукин аст, лекин таҳқиқот бурд мекард агар ба масъалаҳои зерин аҳамият дода мешуд:

1. Вобаста ба маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар соҳибкорони ба ин фаъолият машғулбуда ба қарзҳои низоми бонкӣ, беҳтар мешуд агар дар шакли ҷадвал сабабҳои ин масъала муаян мегардиданд.

2. Оид ба вазъияти баамаломада беҳтар мегардид агар мушкилоти сатҳи пасти ҳамгироии байнисоҳаӣ ба таври назаррас муаяйн мегардиданд.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон», ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.